**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 - 39 саҳ.)**

Автореферати диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам мазмун, самтҳои асосӣ ва натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври фишурда, пайдарпай ва аз ҷиҳати илмӣ қобили қабул инъикос менамояд. Аз муҳтавои он бармеояд, ки кори илмӣ ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии муосир – ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии шахсият бахшида шуда, дар он масъалаҳои назариявӣ, таърихӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва ҳуқуқтатбиқии ин соҳа мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Сохтори автореферат ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқ буда, дар он мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври мантиқӣ ҷойгир шудаанд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубориза бо ҷинояткорӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, вазифаи он ҳифзи шахсият, ҷомеа ва давлат аз ҳама гуна таҷовузҳои ҷиноятӣ мебошад. Дар ин низом ҷиноятҳои зӯроварона бо сабаби дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ ва оқибатҳои вазнинии худ мавқеи махсус доранд. Ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ, хусусан кирдорҳое, ки бо зӯроварӣ, таҳдид ё истифода аз ҳолати оҷизии ҷабрдида содир мешаванд, на танҳо ба озодии ҷинсӣ, балки ба шаъну шараф, саломатии ҷисмонӣ ва равонии инсон, ҳаёти шахсӣ ва арзишҳои ахлоқии ҷомеа осеб мерасонанд.

Аз ин рӯ, масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар шароити имрӯза аҳаммияти хоси назариявӣ ва амалӣ дорад. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт

меъёрҳои махсусро пешбинӣ менамояд, аммо амалияи татбиқи онҳо нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам дар муайян намудани аломатҳои таркибии ҷиноятҳои ҷинсӣ, фарқгузории онҳо аз якдигар, шарҳи мафҳумҳои «озодии ҷинсӣ», «дахлнопазирии ҷинсӣ» ва «ҳолати оҷизӣ» масъалаҳои баҳсталаб боқӣ мемонанд.

Мубрамияти таҳқиқот, инчунин бо сатҳи нисбатан баланди латентии ҷиноятҳои мазкур алоқаманд мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо ҷабрдидагон бинобар тарси маҳкумияти ҷамъиятӣ, фишори равонӣ, доғгузории иҷтимоӣ ё нобоварӣ ба натиҷаи муроҷиат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз хабар додани ҳодиса худдорӣ мекунанд. Ин вазъият ошкор, тафтиш ва исботи чунин кирдорҳоро душвор гардонида, зарурати таҳияи равишҳои нав ва илман асоснокро барои беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба миён меорад.

Дар чунин шароит таҳқиқоти анҷомдодаи Рустамзода Садам Рустам саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад. Мавзуи интихобшуда ба талаботи имрӯзаи рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории миллӣ, мутобиқ намудани меъёрҳои дохилӣ ба стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсият ҷавобгӯ мебошад.

Аз автореферат бармеояд, ки таҳқиқот дорои сохтори мантиқӣ мебошад. Дар боби якум масъалаҳои мафҳумӣ, таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳифзи озодии ҷинсӣ баррасӣ гардида, муаллиф кӯшиш намудааст ҷойгоҳи озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро дар низоми объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муайян намояд. Таҳлили таърихии рушди қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт имкон додааст, ки марҳилаҳои асосии ташаккули меъёрҳои дахлдор ва самтҳои тағйирёбии онҳо муайян карда шаванд.

Дар боби дуюм тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба номус анҷом дода шуда, аломатҳои объективӣ ва субъективии ин ҷиноят таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба масъалаҳои истифодаи зӯроварӣ, таҳдид, ҳолати нотавонии ҷабрдида, лаҳзаи анҷомёбии ҷиноят ва хусусиятҳои қасди гунаҳгор таваҷҷуҳи махсус додааст. Чунин таҳлил барои дуруст фаҳмидани мазмуни моддаи 138 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фарқгузории он аз дигар таркибҳои ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Боби сеюм ба аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номус, инчунин масъалаҳои фарқгузории он аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф масъалаҳои дорои аҳаммияти бевоситаи амалиро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки хатогиҳо дар муайян намудани тарафи объективӣ, субъективӣ ва объекти ҷиноят метавонанд боиси бандубасти нодурусти кирдор ва татбиқи ғайримутаносиби ҷавобгарии ҷиноятӣ гарданд.

Мусбат арзёбӣ мегардад, ки муаллиф танҳо бо таҳлили қонунгузории миллӣ маҳдуд нашуда, таҷрибаи як қатор давлатҳои хориҷӣ ва равишҳои муосири байналмилалиро низ мавриди омӯзиш қарор додааст. Ин усул ба таҳқиқот хусусияти муқоисавӣ ва таҳлилӣ бахшида, имконият медиҳад, ки афзалиятҳо ва камбудиҳои танзими амалкунандаи миллӣ равшантар муайян карда шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври маҷмуӣ ва низомнок таҳлил намудааст. Таҳлили гузаронидашудаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муаллиф имкон додааст, ки як қатор мушкилоти муҳим, ки ҳалли меъёриро талаб мекунанд, ошкор карда шаванд. Ба ҷумлаи онҳо камбудиҳои таърифи меъёрии мафҳуми таҷовуз ба номус, маҳдуд будани доираи шахсоне, ки таҳти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарор мегиранд, мавҷудияти муҳлатҳо барои муроҷиати ҷабрдидагон бо ариза дар бораи ҷиноят, инчунин набудани криминализатсияи таҷовуз ба номус дар никоҳ дохил мешаванд. Ҳамзамон, камбудиҳо дар татбиқи равиши гендерӣ дар таъқиби ҷиноятӣ ва таъмини ҳифзи муносиби манфиатҳои ҷабрдидагон боқӣ мемонанд (саҳ.13).

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар он аст, ки онҳо метавонанд барои инкишофи минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили мафҳумҳои асосии марбут ба ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ ва таҳияи равишҳои ягонаи бандубасти онҳо истифода шаванд. Аз ҷиҳати амалӣ бошад, пешниҳодҳои муаллиф барои фаъолияти қонунэҷодкунӣ, амалияи судӣ ва тафтишотӣ, инчунин раванди таълими фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммият доранд.

Қобили зикр аст, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар интишороти илмии довталаб инъикос ёфтаанд. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақолаи дигар дар дигар нашрияҳои илмӣ нашр гардидаанд. Ин ҳолат аз тасвиби зарурии натиҷаҳои илмии таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

Дар баробари баҳои мусбат ба автореферат, як нуктаи баҳсталабро зикр намудан мумкин аст. Дар автореферат унвони мавзуъ асосан ба ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ равона гардидааст, аммо дар баъзе қисматҳои тавсифи таҳқиқ ва натиҷаҳои илмӣ таваҷҷуҳи асосӣ бештар ба мафҳум ва низоми дахлнопазирии ҷинсӣ равона мешавад. Албатта, ин ду категория бо ҳам робитаи зич доранд, вале аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмун, субъекти ҳифз ва таъсири онҳо ба бандубасти кирдорҳо якхела нестанд.

Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф дар автореферат таносуби байни ин ду самти ҳифзро боз ҳам равшантар нишон медод. Аз ҷумла, хуб мебуд муайян карда шавад, ки кадом таркибҳои ҷиноятӣ, пеш аз ҳама ба озодии ҷинсӣ ва кадомашон ба дахлнопазирии ҷинсӣ таҷовуз мекунанд, инчунин ин фарқият ба бандубасти кирдорҳо тибқи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна таъсир мерасонад. Чунин дақиқсозӣ метавонист арзиши методологии таҳқиқотро барои амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ боз ҳам баланд намояд.

Эроди зикршуда хусусияти баҳсӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро коҳиш намедиҳад. Баръакс, он аз мураккаб ва муҳим будани масъалаҳои таҳқиқшуда шаҳодат дода, имконияти идомаи таҳқиқоти минбаъдаро дар ин самт нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро ба таври кофӣ инъикос намуда, аз анҷом ёфтани кори мустақил, мукаммал ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ шаҳодат медиҳад.

Автореферат ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, натиҷаҳои илмии пешниҳодшуда барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва беҳтар намудани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳаммияти назаррас доранд.

Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301- Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н.Махсум 74/1,
хонаи 19; E.mail: s_dilshod85@mail.ru
Тел.: +992 918-67-52-82

Имзои Д.С. Раҳмонро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳақназариён Г.Ғ.

«06» 06 2026 с.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ 42; E.mail: gulchin@majmilli.tj
Тел.: +992 (37) 221-98-35